«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи
С.А.Айнӣ, д.и.т.
__________ Ибодуллозода А.И.
“__21__” ______09______ с. 2023

# ХУЛОСАИ
## кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ

Диссертатсияи Одинаев Саидаҳмад Полвонович «Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар забони адабии муосири тоҷик» дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ ба анҷом расонида шудааст.

Одинаев С.П. Соли 1980 Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленинро (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) бо ихтисоси «филологияи тоҷик» хатм намуда, фаъолияти меҳнатии худро ҳамчун омӯзгори кафедраи забонҳои хориҷӣ ва тоҷикии филиали ДДПД ба номи Т.Г.Шевченко дар ш. Қӯрғонтеппа шуруъ намудааст. Солҳои 1986-1989 дар аспирантураи назди кафедраи забони тоҷикии ДДПД ба номи Т.Г.Шевченко (ҳоло ДДОТ ба номи С.Айнӣ) таҳсилро идома додааст. Баъди хатми аспирантура солҳои 1989-1992 ҳамчун муаллими калони кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав ва аз соли 1993 дар кафедраи забони тоҷикии ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино сараввал ҳамчун омӯзгор ва сипас муаллими калони кафедраи мазкур фаъолият намудааст. Аз соли 2016 инҷониб дар Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон ба ҳайси муаллими калон ва мудири кафедраи забонҳо адои вазифа намуда истодааст.

Роҳбари илмӣ – Маҷидов Ҳ. - профессори кафедраи забони муосири тоҷики Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, роҳбари дуюм н.иф., дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ Мирбобоев А.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия хулосаи зерин бароварда шуд:

Диссертатсияи номзадии мудири кафедраи забонҳои Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон Одинаев С.П. ба яке аз масъалаҳои кам таҳқиқшудаи фразеология – амсилаҳо (модел ё қолабҳо) ва силсилаи воҳидҳои фразеологии ҳамқолаби забони тоҷикӣ бахшида шудааст.

Амсиласозӣ яке аз усулҳои ба таври васеъ истифодашавандаи соҳаҳо ва падидаҳои гуногуни воқеият мебошад. Шаклҳои амсиласозӣ мухталифанд ва дар доираҳои гуногуни илм, истеҳсолот, санъат ва ғайра мавриди истифода қарор мегиранд. Дар забоншиносӣ, аз ҷумла фразеология ҳамчун усул барои таҳқиқи раванди ҳосилшавии воҳидҳои фразеологӣ, мавҷудияти синхронӣ ва диахронии онҳо ба кор бурда мешавад. Масоили гуногуни силсилаҳои фразеологӣ ва амсиласозӣ, махсусан, дар даҳсолаҳои охир диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб намуда, паҳлуҳои мухталифи онҳо то ба ҳадде баррасӣ гардидааст.

Диссертант Одинаев С.П. дар асоси маводи фаровони забонӣ, ки асосан аз осори бадеии адибони муосири тоҷик гирдоварӣ намудааст, масъалаҳои илмии марбут ба воҳидҳои фразеологии ҳамқолаби забони тоҷикиро таҳқиқ намудааст. Омӯзишу таҳқиқи воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб, таркиби лексикии ҷузъҳои онҳо, алоқамандии фразеологизмҳои ҳамқолаб бо гунаҳо (вариантҳо), муродифот ва мутазодҳои фразеологӣ муайян карда мешавад. Хулосаҳое, ки зимни таҳқиқот диссертант пешниҳод менамояд, бешубҳа, аҳамияти калони илмӣ доранд.

Фразеологизмҳои ҳамқолаб ҳамчун гурӯҳи махсуси воҳидҳои фразеологӣ бисёр ҷанбаҳои марбут ба маъно ва шакли воҳидҳои фразеологиро дар худ хеле хуб инъикос карда метавонанд. Пажуҳиши

воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб барои муайян намудани сабабҳои тағйирёбӣ, омилҳои ташаккул ва роҳҳои пайдоиши фразеологизмҳо кумак расонида метавонад. Интихоби масъалаи мазкур ба сифати мавзуи таҳқиқи рисолаи номзадӣ аз ҳамин матлаб маншаъ гирифтааст.

Таҳқиқи мавзуи диссертатсияи номзадӣ дар ҳамоҳангӣ бо нақшаи илмии назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ анҷом дода шудааст.

**Мақсади асосии таҳқиқот** муайян намудани хусусиятҳои луғавию маъноӣ ва сохтории воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб, таркиби лексикии ҷузъҳои дохили онҳо, алоқамандии фразеологизмҳои ҳамқолаб бо гунаҳо, муродифот ва мутазодҳои фразеологӣ мебошад.

**Қимати назариявии диссертатсия** аз он иборат аст, ки дастовардҳои назариявии онро дар оянда зимни баргузории таҳқиқоти илмӣ оид ба масъалаҳои фразеология, лексикологяи ва синтаксис метавон ба кор бурд.

**Аҳамияти амалии натиҷаи пажуҳиш** дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои илмӣ ва маводу матолиби онро ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ оид ба лексикологяи ва фразеология, тартиб додани васоити таълимӣ доир ба низоми фразеологияи забони тоҷикӣ, зимни баргузории курсҳо ва семинарҳои тахассусӣ ва машғулиятҳои амалӣ доир ба фразеология дар муассисаҳои таҳсилоти олию миёнаи махсус ва ҳамчунин ҳангоми таҳияи луғатҳои тафсирию тарҷумаҳои фразеологӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он аст, ки бори аввал яке аз масъалаҳои мубрами фразеологияи муосири тоҷик – сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Инчунин, дар диссертатсия ба таври мушаххас муносибати фразеологизмҳои ҳамқолаб бо дигар категорияҳои фразеологӣ – гунаҳо, муродифот ва мутазодоти фразеологӣ баррасӣ шуда, монандӣ ва тафовути байни онҳо муайян карда мешавад.

Нуқтаҳои асосии муҳтавои диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ ва дигар ҳамоишҳои илмӣ ба сифати маъруза ва гузоришҳои илмӣ ироа шуда, ҳамчунин дар шакли 9 мақолаи илмӣ ва як монография, ки аз онҳо 4-тояш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и ФР ва КОА-и ҶТ чоп шудаанд, ба табъ расидаанд:

[1М]Одинаев С.П. Доир ба таълими қолабсозии фразеологизмҳо дар мактаб /С.П.Одинаев// Мактаби советӣ, 1988, № 8. С.16-20

[2М]Одинаев С.П. Антонимҳои фразеологӣ ва фразеологизмҳои ҳамқолаб /С.П.Одинаев// Материалҳои конфронси олимон ва мутахассисони ҷавони ҷумҳурӣ. Қӯрғонтеппа, 1991-С.6-9

[3М]Одинаев С.П. Синонимҳои фразеологӣ ва фразеологизмҳои ҳамқолаб /С.П.Одинаев// Материалҳои конфронси олимон ва мутахассисони ҷавони ҷумҳурӣ. Қӯрғонтеппа, 1991-С.23-25

[4М]Одинаев С.П. Фразеологизмҳои ҳамқолаб ва синонимҳои фразеологӣ /С.П.Одинаев// Масъалаҳои забони тоҷикӣ, Душанбе, 1991-С.80-85

[5М]Ибораҳои маҷозӣ ва воҳидҳои фразеологӣ дар ашъори Рӯдакӣ / С.П.Одинаев// Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ), 1/1, 43, 2017, С. 34-38

[6М]Одинаев С.П. Сохтори воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб/С.П.Одинаев// Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ), 1/4, 49, 2017 С. 40-45

[7М]Одинаев С.П. Ибораҳои маҷозӣ ва воҳидҳои фразеологӣ дар ашъори Рӯдакӣ/ С.П.Одинаев// Масъалаҳои мубрами забони адабии тоҷик, Душанбе, 2017, С. 133-143

[8М]Одинаев С.П. Муносибати воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб бо мутазодоти фразеологӣ/ С.П.Одинаев// Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ, № 1 (73), 2018, С. 114-117

[9М]Одинаев С.П. Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар забони адабии муосири тоҷик /С.П.Одинаев// Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ, № 2 (74), 2018, С. 125-128

[10М] Одинаев С.П. Муносибати воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб бо муродифоти фразеологӣ/С.П.Одинаев/ Душанбе, 2022, 160 саҳ.

Диссертатсияи Одинаев Саидаҳмад Полвонович таҳти унвони «Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар забони адабии муосири тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи тахассуси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Хулоса дар асоси қарори кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ аз 16.09. соли 2022, суратҷаласаи № 2 бароварда шудааст.

Дар маҷлис ҳузур доштанд: 16 нафар
«ҷонибдор» - 16 нафар, «муқобил» - нест, «бетараф» - нест,
суратҷаласаи № 2 аз 16 сентябри соли 2022

Мудири кафедраи назария ва
амалияи забоншиносии ДДОТ ба номи С.Айнӣ
н.и.ф., дотсент Қурбонов Маҷид

Котиб: Ҳалимзода Шоҳрух

Нишонӣ: 734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121
992 (37) 224-13-83
E-mail: tgpu2004@mail.ru
сайт: www. tgpu.tj

Имзоҳои Қурбонов Маҷид ва Ҳалимзода Шоҳрухро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи С.Айнӣ Мустафозода Абдукарим